«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Муовини вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро

_______ К. Гулмуродзода

Протоколи №1
ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои
истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз 17 марти соли 2023 Шаҳри Душанбе

Раисикунанда, Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ТШСИ) - Гулмуродзода К. Г.

Дар ҷаласа ҳайати Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Шӯро), намояндагони вазоратҳои молия, энергетика ва захираҳои об, Кумита давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Саридораи геология, кормандони Котиботи ТШСИ, корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони ҶДММ «ЭКОВИС» ва дигар шахсони масъули даъватшуда иштирок доштанд.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Иҷрои қарорҳои протоколи ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022
2. Татбиқи тадбирҳои Нақшаи кории Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2023
3. Баррасии лоиҳаи Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021 ва баррасӣ намудани талаботи 2.2, 2.3, 2.4, 2.5, 2.6, 3.2, 3.3, 6.1 ва 6.2 ТШСИ
4. Баррасии фаъолияти веб-портали «Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ»-и Тоҷикистон
5. Баррасии лоиҳаи сохтор, ҷадвали корӣ ва кормандони Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон
6. Масъалаҳои ҷорӣ

Ҷаласаро Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулмуродзода К. Г. (минбаъд – Раиси Шӯро) оғоз карда, ҳозиринро бо масъалаҳои баррасишавандаи рӯзнома ва мақсади баргузории ҷаласа шинос намуд.

Раиси Шӯро қайд намуданд, ки бо мақсади такмил додани усули идоракунӣ дар соҳаҳои истихроҷ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ, пурзӯр намудани мубориза бо коррупсия, таъмин намудани иштироки

ҷомеаи шаҳрвандӣ дар назорат аз рӯи воридоти пурраи маблағҳо ба буҷети давлатӣ аз фаъолияти марбут ба истихроҷи канданиҳои фоиданок дар робита ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №449 «Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ» Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаҳои худро мунтазам баргузор менамояд.

Иброз гардид, ки Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои банди 4 Низомномаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҳумҷурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №449 тасдиқ шудааст, аз натиҷаи ҷаласаи навбатии Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 30 декабри соли 2022 баргузор гардид, нақшаи кории ТШСИ-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намуд.

Дар ин раванд бо мақсади иҷрои тадбирҳои нақшаи мазкур аз ҷониби Шӯро, намояндагони вазорату идораҳои дахлдор ва дигар масъулин мунтазам чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Сипас оид ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа муовини сардори сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Координатори миллии ТШСИ Тоҷикистон – Яздонзода И. Ҳ. баромад намуда, ба аъзои Шӯро маълумотро оид ба иҷрои қарорҳои протоколи ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022 манзур намуд.

Қайд карда шуд, ки қарорҳои қаблии Шӯро тибқи тартиби муқарраргардида марҳидла ба марҳила иҷро шудаанд.

Оид ба масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа коршиноси ТШСИ Тоҷикистон - Нигматов Ҷ. баромад намуда, оид ба иҷрои нақшаи кории Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2023 дар Шӯро гузориш пешниҳод кард.

Коршинос қайд намуд, ки дар соли 2022 дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ семинар – тренинг оид ба раванди татбиқи ТШСИ дар Тоҷикистон, ҷаласаи Шӯрои ТШСИ баргузор, фармоиши техникӣ барои баҳодиҳандаи (валидатори) мустақил таҳия, ҶДММ «ЭКОВИС» барои муқоисаи маълумотҳои ширкатҳои истихроҷкунанда ва мақомоти давлатӣ интихоб ва лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти табиқи ТШСИ дар Тоҷикистон таҳия ва ба барои мувофиқа ба вазорату идораҳо пешниҳод карда шуданд. Оид ба иҷрои тадбирҳои дигари нақшаи кории мазкур Нигматов Ҷ. банд ба банд маълумотҳои зарурӣро ба Шӯро пешниҳод намуд.

Оид ба масъалаи сеюми рӯзнома намояндаи ҶДММ «ЭКОВИС» – Рустамов Б.Т. баромад намуда, гузоришро аз натиҷаи корҳои иҷрошуда оид ба таҳияи Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021 ва лоиҳаи ҳисоботи мазкур, инчунин оид ба талаботи 2.2, 2.3, 2.4, 2.5, 2.6, 3.2, 3.3, 6.1 ва 6.2 ТШСИ манзури Шӯро кард.

Рустамов Б.Т. дар баромади худ тафсири мухтасари раванди таҳияи Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021, марҳилаҳои таҳия, натиҷаи фарогирӣ, мушкилиҳои мавҷуда дар самти таҳияи

ҳисоботи номбурда, кадамҳои навбатӣ дар ин самт ва дигар масъалаҳо вобаста ба ТШСИ-ро ба баррасии Шӯро пешниҳод кард.

Ҳамзамон дар ин раванд аз тарафи намояндаи ҶДММ «ЭКОВИС» маълумот оид ба ҳамкориҳои худ бо вазорату идораҳои дахлдор ва ширкатҳои истихроҷкунанда, баъзе таҳлилҳои пардохтҳо, феҳристи ширкатҳои истихроҷкунанда, стандартҳо ва талаботи ТШСИ, лоиҳаи шакли хисобот барои ширкатҳои истихроҷкунанда ва шарҳи он бо назардошти талабот ва стандартҳои ТШСИ манзур гардид.

Оид ба масъалаи чоруми рӯзномаи ҷаласа аз тарафи коршиноси ТШСИ Тоҷикистон - Нигматов Ҷ. баромад намуда, рӯнаморо оид ба фаъолияти веб - портали «Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ» Таджикистана - www.pbo.eitj.tj ба аъзои Шӯро пешкаш намуд. Қайд карда шуд, ки портали мазкур дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд таҳия гардида, дар он бо назардошти талаботҳои ТШСИ маълумоти зарурӣ оид ба ширкатҳои истихроҷкунанда ва саҳифаҳо ҷойгир карда мешаванд. Инчунин баромадкунанда оид ба тартиби ворид намудани иттилоот ба он аз ҷониби маъмури он, тарики он ворид гардидани муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва ғайра иттилоот дод.

Вобаста ба масъалаи панҷуми рӯзномаи ҷаласа муовини сардори сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёти Вазорати молия, Координатори миллии ТШСИ Тоҷикистон – Яздонзода И. Ҳ. баромад намуда, лоиҳаи сохтор, ҷадвали корӣ ва кормандони Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба аъзои Шӯро манзур кард.

Иброз гардид, ки тибқи талаботи банди 14 Низомномаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №449 тасдиқ шудааст, сохтор, ҷадвали корӣ ва кормандони Котиботи ТШСИ-и Тоҷикистонро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Шӯро тасдиқ менамояд. Бинобар ин қабл аз тасдиқ гардидани сохтор, ҷадвали корӣ ва кормандони Котиботи ТШСИ-и Тоҷикистон бояд Шӯро қарори худро нисбат ба он қабул намояд.

Дар раванди баррасии ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа намояндагони Коалитсияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шаффофият барои рушд» - Мусаева Р., Вазорати энергетика ва захираҳои об - Неъматов Ш., ширкатҳои истихроҷкунанда – Насимов С., Кирилова Т., Бобохонов Б. ва дигарон баромад намуда, нисбат ба масъалаҳои матраҳшаванда фикру андешаҳо ва пешниҳодҳои хуро қайд карданд.

Дар натиҷаи баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа Шӯро қарорҳои зеринро қабул кард:

1. Гузориш оид ба иҷрои қарори протоколи ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2022 ба инобат гирифта шавад.

2. Гузориши оид ба иҷрои Нақшаи кории Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2023 ба инобат гирифта шавад.

3. Гузориш аз натиҷаи корҳои иҷрошуда оид ба таҳияи Ҳисоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи ТШСИ дар солҳои 2019 – 2021 ва лоиҳаи ҳисоботи мазкур ба инобат гирифта шавад.

4. Шакли ҳисобот барои ширкатҳои истихроҷкунанда дар доираи Ташаббуси шаффофияти саноати истихроҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замимаи 1).

5. "Ҳадди муҳимият" барои андозҳо ва дигар пардохтҳои давлатии ширкатҳои истихроҷкунанда ба буҷети давлатӣ дар солҳои 2019-2020 ба андозаи 10 (даҳ) миллион сомонӣ ва дар соли 2021 ба андозаи 15 (понздаҳ) миллион сомонӣ тасдиқ карда шавад.

6. Рӯйҳати ширкатҳои истихроҷкунанда, ки андозҳо ва дигар пардохтҳои давлатии онҳо аз "Ҳадди муҳимият" зиёд мебошанд, тасдиқ карда шавад (замимаи 2).

7. Намуди пардохтҳо (андоз ва гумрукӣ), ки аз "Ҳадди муҳимият" ба андозаи – 1% аз пардохтҳои ҷамъбастӣ зиёд мебошанд барои ҳар як соли фарогирифташаванда (пардохтҳои назаррас) ба шакли ҳисоботдиҳии ширкатҳои истихроҷкунанда илова карда шаванд.

8. Ба ширкатҳои истихроҷкунандае, ки оид ба ҳисоботҳои пешинаи ТШСИ-и Тоҷикистон маълумот пешниҳод накарданд, мактуби дахлдори Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шавад. Дар ҳолати пешниҳод нагардидани маълумоти зарурӣ аз руйхати ширкатҳои ҳисоботдиҳандаи ТШСИ онҳо хориҷ карда шаванд.

9. Лоиҳаи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ғайримахфӣ гардонидани маълумот оид ба истеҳсол, содироту воридоти металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо инчунин координатҳои қитъаи иҷозатномавӣ барои солҳои 2019-2021» омода гардида, тибқи тартиби муқарраргардида саривақт ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

10. Лоиҳаи сохтор, ҷадвали корӣ ва кормандони Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмӯъ маъқул дониста шуда, бо назардошти таклифу пешниҳоди аъзои Шӯро такмил дода шавад (замимаи 3).

11. Котиботи Шӯро лоиҳаи ниҳоии сохтор, ҷадвали корӣ ва кормандони Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистонро тибқи тартиби муқарраргардида ба барои тасдиқ вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Котиби ҷаласаи Шӯро,
муовини сардори сарраёсати сиёсати
буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёти
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Координатори миллии ТШСИ дар Тоҷикистон — И. Яздонзода

Замимаи 1
ба протоколи №1
ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар
соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шакли ҳисобот
дар доираи Ташаббуси шаффофияти дар соҳаҳои истихроҷиҶумҳурии
Тоҷикистон барои корхонаҳои соҳаи истихроҷ

Номи ширкат: ____________________________________________________________

ТИН: _____________________________________________________________________

Ҷадвалро кӣ пур кардааст (ному насаб): _____________________________________

Вазифа: ___________________________________________________________________

Суроғаи электронӣ: ________________________________________________________

Тел.: _____________________________________________________________________

Фасли 1

Пардохтҳои андозӣ барои солҳои 2019-2021

| Пардохтҳои андозӣ | Рамзи банд | Дар давраи с.2021 | Дар давраи с.2020 | Дар давраи с.2019 |
|---|---|---|---|---|
| | | сомони | сомони | сомони |
| Андоз аз даромад, ки аз шахсони воқеӣ ситонида мешавад | 01 | | | |
| Андози иҷтимоӣ аз корфармо (25%) | 02 | | | |
| Андоз аз даромад, аз ҷумла пешпардохтҳо | 03 | | | |
| Андоз аз дивидендхо | 04 | | | |
| Андоз аз даромади ғайрирезидент аз манбаъҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 05 | | | |
| Андоз аз арзиши иловашуда барои таҳвили молҳо, кор ва хизматрасониҳо | 06 | | | |
| Андоз аз арзиши иловашуда, ки аз ғайрирезидентҳо нигоҳ дошта мешавад | 07 | | | |
| Андоз аз истифодабарандагони роҳ | 08 | | | |
| Андоз аз захираҳои табиӣ, аз ҷумла: | 09 | | | |
| Бонуси обунавӣ барои тадқиқи геологии сарватҳои зеризаминӣ | 09-i | | | |
| Бонуси обунавӣ барои истихроҷи маъдан | 09-ii | | | |
| Бонуси обунавӣ барои кашфи тиҷоратӣ | 09-iii | | | |
| Роялти оид ба истихроҷ | 09-iv | | | |
| Роялти дар об | 09-v | | | |
| Дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ | 10 | | | |
| Дигар андозҳо, аз ҷумла ҷарима ва пеня | 11 | | | |

Фасли 2

Пардохтҳои гумрукӣ барои солҳои 2019-2021

| Пардохтҳои гумрукӣ | Рамзи банд | Дар давраи с.2021 | Дар давраи с.2020 | Дар давраи с.2019 |
|---|---|---|---|---|
| | | сомони | сомони | сомони |
| Бочҳои гумрукӣ | 12 | | | |
| Андоз аз арзиши иловашуда аз молҳое, ки ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд | 13 | | | |

Фасли 3

Дигар пардохтҳои назаррас барои солҳои 2019-2021

| Номгӯи пардохтҳо | Рамзи банд | Дар давраи с.2021 | Дар давраи с.2020 | Дар давраи с.2019 |
|---|---|---|---|---|
| | | сомони | сомони | сомони |
| Пардохтҳо аз рӯи намудҳои суғуртаи ҳатмӣ | 14 | | | |
| Ҳақ барои консессия | 15 | | | |
| Дивидендҳо, ки аз рӯи бастаи давлатии саҳмияҳо пардохта мешаванд (*) | 16 | | | |
| Пардохт барои саҳмияҳои давлатӣ, ки аз ҷониби ширкат харида шудааст (*) | 17 | | | |
| Боҷи давлатӣ ва пардохтҳои иҷозатномадиҳӣ барои ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ | 18 | | | |
| Пардохтҳо ва хироҷҳо барои бақайдгирии ҳуқуқи истифодаи замин | 19 | | | |
| Ҷуброни фоидаи аз даст додашуда ҳангоми додани қитъаҳои замин | 20 | | | |
| Товони талафи истеҳсолоти кишоварзӣ ва зарари ҳосилот | 21 | | | |
| Товони талафи истеҳсолоти хоҷагии ҷангал | 22 | | | |
| Пардохтҳо барои гузаронидани экспертизаҳо, иҷозатҳо ва мувофиқасозии лоиҳаҳои корӣ (ПСД, ОВОС ва ғайра) | 23 | | | |
| Пардохт барои ифлосшавии муҳити зист ва ҷуброни зарари ба муҳити зист расонидашуда | 24 | | | |
| Пардохтҳои ҳатмӣ барои додани шаҳодатномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ | 25 | | | |
| Пардохтҳое, ки бо созишномаҳои бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон басташуда муқаррар карда мешаванд | 26 | | | |

(*) Барои корхонахое, ки ҳиссаи моликияти давлатӣ доранд.

## Фасли 4
## Хароҷотҳои иловагии ширкатҳо барои солҳои 2019-2021

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Рамзи банд | Дар давраи с.2021 | Дар давраи с.2020 | Дар давраи с.2019 |
|---|---|---|---|---|
| | | сомони | сомони | сомони |
| Дастгирии маориф | 27 | | | |
| Дастгирии инфрасохтори иҷтимоӣ | 28 | | | |
| Хароҷоти интиқоли канданиҳои фоиданок | 29 | | | |
| Хароҷоти квазифискалӣ | 30 | | | |

Фасли 5

Маълумоти иловагӣ

| Номгӯи нишондиҳандаҳо | Рамзи банд | Ҷавоб с.2021 | Ҷавоб с.2020 | Ҷавоб с.2019 |
|---|---|---|---|---|
| Оё ҳисоботи молиявии шумо барои солҳои 2019-2021 аз тарафи аудитори мустақил тафтиш карда шуд? | 31 | | | |
| Оё ширкат дорои ҳисоботи молиявии аудитории барои омма дастрас вуҷуд дорад? Агар бошад, тасвир кунед, ки чӣ тавр онро ба даст овардан мумкин ё иқтибосро ба он диҳед | 32 | | | |
| Хиссаи махсулоти истихроҷшудае, ки ба давлат бо ифодаи молӣ ва пулӣ дар давраи фарогирифташаванда тааллуқ дорад | 33 | | | |
| Саҳми давлат дар сармояи оинномавӣ (бо фоиз) | 34 | | | |
| Иҷозатнома дар давоми солҳои 2019-2021 интиқол ва ё фурӯхта шудааст (агар ҳа, лутфан тафсилоти бештарро пешниҳод кунед) | 35 | | | |
| Оё шумо дар давоми солҳои 2019-2021 саҳмияҳои давлатии ягон ширкати истихроҷкунандаро харидед? Агар ҳа, пас сатрҳои зеринро пур кунед: | 36 | | | |
| Номи ширкат | 36А | | | |
| Маблағи муомилот (бо сомонӣ) | 36Б | | | |
| Ҳиссаи харид (бо %) | 26В | | | |

Эзоҳ:

Ҳисобот дар асоси хазинавӣ пешниҳод карда мешавад.

Мо масъулияти худро барои саҳеҳии маълумоти ин ҳисоботҳо пешниҳодшуда мутобиқи Тавзеҳот оид ба таҳия ва пешниҳоди ҳисобот оид ба равандҳои молиявӣ аз фаъолияти ширкатҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоем, аз ҷумла:

1. Ҳама маълумотҳо оид ба пардохт пурра ва бидуни таҳриф буда, аз низоми ҳисобдорӣ гирифта шудаанд.
2. Ҳама пардохтҳо ҳуҷҷатҳои ибтидоии дахлдор доранд.
3. Таснифи пардохтҳо аз рӯи намудҳо дуруст аст.
4. Хироҷҳои пардохтшуда танҳо пардохтҳои марбут ба ин ширкатро дар бар мегиранд. Пардохтҳо барои ё аз номи ширкатҳои дигар дар шакли ҳисобот дохил карда намешаванд.
5. Агар ширкат ҳар сол аз аудит гузарад, аудиторон бояд дурустии рақамҳои дар шакли ҳисобот инъикосшударо тасдиқ намоянд.

Роҳбари ширкат
_______________________________________________

Сармуҳосиб
_______________________________________________

ҷ.м., имзо

Суроғаи шахси масъул:

Ному насаб _______________________________________________

Телефон_______________________________________________

Шакли ҳисобот
дар доираи Ташаббуси шаффофияти дар соҳаҳои истихроҷиҶумҳурии Тоҷикистон барои корхонаҳои соҳаи истихроҷ

Номи ширкат: ____________________________________________

ТИН: __________________________________________________

Ҷадвалро кӣ пур кардааст (ному насаб): __________________________

Вазифа: ________________________________________________

Суроғаи электронӣ: ________________________________________

Тел.: __________________________________________________

ТАҚСИМБАНДИИ ПАРДОХТҲОИ ҲАТМИИ ИҶТИМОӢ/ХАРОҶОТ
Дар давраи аз 1 январи соли 2019 то 31 декабри соли 2019

| БЕНЕФИТСИАР | | | ПАРДОХТҲО | | ПАРДОХТҲО ДАР ШАКЛИ МОЛӢ | | Ҳуқуқӣ/ асоси шартномавии пардохт (ба созишнома нигоҳ кунед) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Номгӯй | Функсия | Ҷойгиршавӣ | Маблағ (б сомони) | Сана | Тафсири хароҷот / пардохтҳо (чорабинии бенефитсиар, ҳадаф, вазифа и ғайра) | Маблағ (бо сомони) | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

ТАҚСИМБАНДИИ ПАРДОХТҲОИ/ХАРОҶОТҲОИ ИҶТИМОИИ ИХТИЁРӢ
Дар давраи аз 1 январи соли 2019 то 31 декабри соли 2019

| БЕНЕФИТСИАР | | | ПАРДОХТҲО | | ПАРДОХТҲО ДАР ШАКЛИ МОЛӢ | | Ҳуқуқӣ/ асоси шартномавии пардохт (ба созишнома нигоҳ кунед) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Номгӯй | Функсия | Ҷойгиршавӣ | Маблағ (б сомони) | Сана | Тафсири хароҷот / пардохтҳо (чорабинии бенефитсиар, ҳадаф, вазифа и ғайра) | Маблағ (бо сомони) | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

ТАҚСИМБАНДИИ ХАРОҶОТ /ПАРДОХТҲООИД БА ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ
Дар давраи аз 1 январи соли 2019 то 31 декабри соли 2019

| БЕНЕФИТСИАР | | | ПАРДОХТҲО | | ПАРДОХТҲО ДАР ШАКЛИ МОЛӢ | | Ҳуқуқӣ/ асоси шартномавии пардохт (ба созишнома нигоҳ кунед) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Номгӯй | Функсия | Ҷойгиршавӣ | Маблағ (б сомони) | Сана | Тафсири хароҷот / пардохтҳо (чорабинии бенефитсиар, ҳадаф, вазифа и ғайра) | Маблағ (бо сомони) | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

Эзоҳ:
Ҷадвалҳои дар боло овардашуда барои ҳар сол алоҳида пур карда мешаванд (яъне барои солҳои 2019, 2020 ва 2021)

Тасдиқоти роҳбарият:
Ман, шахси дар зер имзогузошта, аз номи ширкати ҳисоботдиҳанда тасдиқ мекунам, ки ҳама маълумоти дар ҷадвали дар боло овардашуда дуруст ва пурра мебошанд.

Ному насаб: ________________________________________

Мансаб: __________________________________________________ ҷ.м.
Имзо:

Замимаи 2
ба протоколи №1
ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар
соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Рӯйхати
ширкатҳои истихроҷкунанда, ки андозҳо ва дигар пардохтҳои
давлатии онҳо аз "Ҳадди муҳимият" зиёд мебошанд

| **№** | **Номгӯй** | **РМА (ИНН)** | **РЯМ (ЕИН)** | **Соҳа** |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҷамъияти дорои масъулияти махдуди «ЗАРИНК» | 040014717 | 0210007793 | Истихроҷ |
| 2 | Ҷамъияти дорои масъулияти махдуди «КОРХОНАИ МУШТАРАК ТАКОМ ГОЛД» | 730001657 | 7310000629 | Истихроҷ |
| 3 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ПАКРУТ» | 030008182 | 0110001650 | Истихроҷ |
| 4 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТВЕА ДУШАНБЕ САНОАТИ КӮҲӢ» | 020034590 | 0210012605 | Истихроҷ |
| 5 | Корхонаи муштараки «ЗАРАФШОН» дар шакли Ҷамъияти дорои масъулияти махдуд | 600000010 | 6010000728 | Истихроҷ |
| 6 | Ҷамъияти муштараки Тоҷикистону Канадагии дорои масъулияти махдуд «АПРЕЛЕВКА» | 560000752 | 5610000679 | Истихроҷ |
| 7 | Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «КОМБИНАТИ МЕТАЛЛУРГИИ ТОҶИК» | 090014459 | 0910008578 | Истихроҷ |
| 8 | Корхонаи фаръии «Шахтаи Фон-Яғноб»-и Корхонаи воҳиди давлатии «Ангишти Тоҷик» | 520000300 | 5210000098 | Истихроҷ |
| 9 | Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «ТАЛКО ГОЛД» | 070016835 | 0710009915 | Истихроҷ |
| 10 | Ҷамъияти дорои масъулияти махдуди «ШИМШО» | 040019839 | 0210009910 | Истихроҷ |
| 11 | Ҷамъияти муштараки дорои масъулияти махдуди «ПЕТРОЛЕУМ СУГД» | 550004828 | 5510002465 | Нафт ва газ |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 12 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати кӯҳи саноатии Тоҷикистону Хитой» | 020024182 | 5610000193 | Истихроҷ |
| 13 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Сементи Тоҷик» | 020004768 | 0210009360 | Истихроҷ |
| 14 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Тоҷикистону-Америка» Корхонаи муштараки «Анзоб» | 520001954 | 5210000070 | Истихроҷ |
| 15 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ХУАКСИН ҒАЮР СЕМЕНТ» | 400006843 | 4010003470 | Истихроҷ |
| 16 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ХУАКСИН ГАЮР (СУҒД) СЕМЕНТ» | 630016471 | 6310009164 | Истихроҷ |
| 17 | Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ХУАҶИАН ҒАЮР ИНДАСТРИАЛ» | 400009269 | 4010005606 | Истихроҷ |

Замимаи 3
ба протоколи №1
ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар
соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳаи Сохтор, ҷадвали корӣ ва кормандони
Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои
истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

- **раиси шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон** - муовини вазири молия - сарпарасти сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт;
- **ҳамоҳангсози миллии Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон** - муовини сардори сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт.

**Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

- **роҳбари Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон** - ҳамоҳангсози миллии Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **мутахассис оид ба робита бо вазорату идораҳо, корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ** – сардори шуъбаи кор бо металҳо ва сангҳои қимматбаҳои сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт;
- **мутахассис оид ба масъалаҳои молиявӣ** – сардори шуъбаи саноат, энергетика ва захираҳои оби сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт;
- **мутахассис оид ба масъалаҳои техникӣ ва таҳлили маълумот** – сармутахассиси шуъбаи кор бо металҳо ва сангҳои қимматбаҳои сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт;
- **мутахассис оид ба ҷаласаҳои Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон** – сармутахассиси шуъбаи саноат, энергетика ва захираҳои оби сарраёсати сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои воқеии иқтисодиёт;
- **мушовир - барномасоз (IT)** – мутахассиси пешбари шуъбаи таҳия ва татбиқи барномаҳои иттилоотии корхонаи воҳиди давлатии «Маркази дастгирии амалиётҳои молиявии байнибуҷетӣ».

Низомномаи
Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои
истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Низомнома) бо мақсади ташкили фаъолият Котиботи Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Котиботи ТШСИ) таҳия шуда, ҳуқуқу ухдадориҳои Котиботи ТШСИ ва кормандони онро муқаррар намуда, ба таъмини ҳамоҳангсозии мунтазами фаъолияти Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Шӯрои ТШСИ) бо вазорату идораҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ, корхонаҳои соҳаи истихроҷ ва дигар тарафҳои манфиатдор равона гардидааст.

2. Шӯрои ТШСИ дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, талабот ва стандартҳои Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ ва Низомномаи мазкурро ба роҳбарӣ мегирад.

## 2. ВАКОЛАТҲОИ КОТИБОТИ ТШСИ

3. Ба ваколатҳои Котиботи ТШСИ медароянд:

- ҷамъоварӣ ва таҳлили ҳисобот оид ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ (минбаъд - ТШСИ) аз муассисаҳо ва корхонаҳои давлатии соҳаҳои истихроҷ;
- омодасозӣ ва татбиқи стратегияи робита бо ҷомеаи шаҳрвандӣ барои оммавӣ гардонидани принсипҳои ТШСИ, тавсеаи ҳисобот оид ба ТШСИ ва протоколҳои ҷаласаҳои Шӯрои ТШСИ;
- таҳлил ва омода намудани тавсияҳо барои таъмини пуррагии ҳаҷми маълумоти талабшуда оид ба ТШСИ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ ва ба ҷаласаи Шӯрои ТШСИ пешниҳод намудани онҳо;
- ҳамкорӣ бо Раёсати байналмилалии Шӯрои ТШСИ дар шаҳри Осло (Норвегия) бо мақсади мутобиқати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои шаффофияти муқарраршудаи ТШСИ;
- ташкил ва пешбурди сомонаи интернетии Котиботи ТШСИ, таҷдиди доимии мухтаво ва таъмини реҷаи интерактивии кори он;
- гузаронидани машваратҳо оид ба ТШСИ ва дастгирии равобити шарикӣ бо намояндагони муассисаҳои давлатӣ, ширкатҳои соҳаҳои истихроҷ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, васоити ахбори омма, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва дигар тарафҳои манфиатдор бо мақсади фаҳмондани принсипҳои ТШСИ;

- таҳияи ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Котиботи ТШСИ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ;

- таҳияи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини мутобиқати ҳисоботҳои ТШСИ ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ;

- мушоиати ташкилии расмиёти интихоби озмунии ширкати байналмилалии аудиторӣ аз ҷониби Шӯрои ТШСИ барои омода намудани ҳисоботи ҷамъбастии ТШСИ барои соли тақвимии дахлдор;

- мониторинги корҳои ҷорӣ ва баҳодиҳии таъсири ТШСИ ба рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- бо тартиби муқарраршуда нашри ҳисоботҳо ва маводи таҳлилӣ бо забонҳои давлатӣ ва русӣ.

## 3. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ КОТИБОТИ ТШСИ

4. Котиботи ТШСИ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маъмурии зеринро дорад:

- иҷро гардидани қарорҳои Шӯрои ТШСИ-ро таъмин мекунад;

- ҷаласаҳои навбатӣ ва ғайринавбатии Шӯрои ТШСИ-ро даъват намуда, кори онҳоро ташкил мекунад;

- масъалаҳоеро, ки бояд ба рӯзномаи ҷаласаи навбатӣ ва ғайринавбатии Шӯрои ТШСИ ворид карда шаванд, мутобиқи таклифҳои пешниҳоднамудаи аъзои Шӯрои ТШСИ таҳия намуда, то як ҳафта пеш аз баргузории ҷаласаи Шӯрои ТШСИ ба аъзои Шӯрои ТШСИ рӯзномаи ҷаласа ва ҳуҷҷатҳои дигари барои баррасӣ зарурро ирсол менамояд;

- протоколи ҷаласаи Шӯрои ТШСИ-ро тартиб дода, дар давоми 5 рӯз пас аз баргузории ҷаласа ба ҳамаи аъзои Шӯрои ТШСИ ва шахсони дигари манфиатдор нусхаҳои он ва маълумоти дигари марбут ба фаъолияти Шӯрои ТШСИ-ро ирсол менамояд;

- нусхаи протоколҳо ва маълумоти дигари марбут ба фаъолияти Шӯрои ТШСИ-ро дар сомонаи www.moliya.tj ва www.pbo.eitj.tj дар мувофиқа бо роҳбарияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир менамояд;

- дар ҳолати зарурӣ барои иштирок дар ҷаласаи Шӯрои ТШСИ шахсони дигарро даъват менамояд;

- протоколҳои ҷаласаҳои Шӯрои ТШСИ-ро нигоҳ медорад;

- супоришҳои Шӯрои ТШСИ-ро тибқи тартиби муқарраргардида иҷро менамояд;

- ба аъзои Шӯрои ТШСИ ва дигар шахсони манфиатдор маълумот оид ба баргузориҳои ҷаласаҳо, семинарҳо, тренингҳо, ҳуҷҷатҳои ТШСИ, талабот ва стандартҳои байналмилалии ТШСИ ва дигар иттилоти алоқаманд ба ТШСИ-ро дастрас менамояд;

- бо ҷонибҳои манфиатдор масъалаҳои рӯзмарраи маъмурӣ, аз ҷумла иштирок дар вохӯриҳо, паҳн кардани ҳуҷҷатҳо, пешниҳоди навгониҳо аз Котиботи байналмилалии ТШСИ ва дигар шариконро ҳамоҳанг месозад;

- лоиҳаи нақшаи корӣ, ҳисоботи солона оид ба корҳои анҷомёфта ва дигар ҳуҷҷатҳои ТШСИ дар мувофиқа бо тарафҳои манфиатдор таҳия менамояд;

- алоқаро бо шарикони рушд, аз ҷумла бо Котиботи айналмилалии ТШСИ оид ба масъалаҳои ТШСИ ба роҳ мемонад;

- қолабҳои ҳисоботи ТШСИ, ҳисоботи ТШСИ, протоколҳои вохӯрӣ ва ҷаласаи марбут ба фаъолияи ТШСИ-ро нигоҳ медорад;

- раванди тайёрӣ ба баҳодиҳии ТШСИ-ро ҳамоҳанг менамояд;

- иҷроиши нақшаи кории ТШСИ-ро назорат менамояд;

- нақшаҳои кории Котиботи ТШСИ-ро таҳия ва ба раиси Шӯрои ТШСИ барои тасдиқ пешниҳод менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида ба вазорату идораҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ширкатҳои истихроҷкунанда ҳамкориро ба роҳ монда, маълумоти заруриро аз онҳо дастрас намояд;

- дигар ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд.

## 4. ТАШКИЛИ КОРИ КОТИБОТИ ТШСИ

5. Ба Котиботи ТШСИ ҳамоҳангсози миллии Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ менамояд.

6. Роҳбари Котиботи ТШСИ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зерин мебошад:

- андешидани тадбирҳо оид ба ташкили ҷаласаи Шӯрои ТШСИ;

- корҳоро байни кормандони Котиботи ТШСИ тақсим менамояд;

- ба кормандони Котиботи ТШСИ оид ба масъалаҳои ТШСИ супориш медиҳад ва иҷрои онҳоро назорат менамояд;

- дар протоколҳои ҷаласаи Шӯрои ТШСИ имзо гузошта, барои тасдиқ ба Раиси Шӯрои ТШСИ пешниҳод менамояд;

- аз номи Котиботи ТШСИ баромад намуда, онро муаррифӣ менамояд;

- супоришҳои раиси Шӯрои ТШСИ-ро оид ба масъалаҳои марбут ба ТШСИ иҷро менамояд;

- дигар ваколатҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар кардаанд, иҷро менамояд.

7. Мутахассис оид ба робита бо вазорату идораҳо, корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ:

- тибқи тартиби муқаррргардида ҳамкорӣ бо намояндагони вазорату идораҳо, корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ, Коалитсияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шаффофият барои рушд” ва дигар тарафҳои манфиатдор менамояд;

- ҷиҳати аз вазорату идораҳо, корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дастрас намудани маълумот ва иттилоот дар масъалаи марбут ба ТШСИ чораандешӣ менамояд;

- муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ТШСИ, талабот ва стандартҳои байналмилалии ТШСИ-ро ба вазорату идораҳо, корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар шахсони манфиатдор дастрас менамояд;

- супоришҳои роҳабри Котиботи ТШСИ-ро вобаста ба масъалаҳои ТШСИ иҷро менамояд.

8. Мутахассис оид ба масъалаҳои молиявӣ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зерин мебошад:

- тибқи тартиби муқарраргардида ҳамкориро бо донорҳо ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҷиҳати ҷалби сармоя дар татбиқи ТШСИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад;

- таҳияи сметаи хароҷотӣ барои гузаронидани семинар, тренинг, вохӯриҳо, сафарҳои хизматӣ, маводҳои конселярӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба татбиқи ТШСИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- муайя намудани хароҷот ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ барои татбиқи ТШСИ дар Тоҷикистон ва пешниҳоди иттилооти дахлдор ба роҳбари Котиботи ТШСИ аз натиҷаи он;

- муайян намудани хароҷот ва сарчашмаҳои маблағгузорӣ оид ба сафарҳои хизматии ҳайати Шӯрои ТШСИ ва кормандони Котиботи ТШСИ ва пешниҳоди иттилооти дахлдор ба роҳбари Котиботи ТШСИ аз натиҷаи он;

- андешидани тадбирҳои зарурӣ барои таъмин намудани ҷаласаи Шӯрои ТШСИ-ро бо маводҳои конселярӣ ва дигар маводҳои хоҷагӣ;

- супоришҳои роҳабри Котиботи ТШСИ-ро вобаста ба масъалаҳои ТШСИ иҷро менамояд.

9. Мутахассис оид ба масъалаҳои техникӣ ва таҳлили маълумот дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зерин мебошад:

- ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба ТШСИ;

- веб-портали ТШСИ-и Тоҷикистон - www.pbo.eitj.tj - ро пеш мебарад, тибқи тартиби муқарраргардида ба он ва ба сомонаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - www.moliya.tj маълумотҳои марбут ба ТШСИ-ро ворид ва аз он хориҷ менамояд;

- лоиҳаи варақаҳои иттилоотиро таҳия ва дар мувофиқа бо роҳбари Котиботи ТШСИ дар веб-портали ТШСИ-и Тоҷикистон - www.pbo.eitj.tj ва www.moliya.tj ҷойгир менамояд;

- тибқи тартиби муқарраргардида бо васоити ахбори омма ҳамкорӣ менамояд, маълумоти дар рӯзномаву маҷаллаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ ҷойгиршударо таҳлил намуда, аз натиҷааш ба роҳбари Котиботи ТШСИ маълумот пешниҳод менамояд;

- супоришҳои роҳабри Котиботи ТШСИ-ро вобаста ба масъалаҳои ТШСИ иҷро менамояд.

10. Мутахассис оид ба ҷаласаҳои Шӯрои ТШСИ дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зерин мебошад:

- тибқи тартиби муқарраргардида маводҳои ҷаласаи Шӯрои ТШСИ-ро омода намуда, ба ҳайати Шӯрои ТШСИ онҳоро дастрас менамояд;

- лоиҳаи протоколи ҷаласаи Шӯрои ТШСИ таҳия ва ба роҳбари Котиботи ТШСИ пешниҳод менамояд;

- ҳайати Шӯрои ТШСИ, намояндагони вазорату идораҳо, корхонаҳои соҳаҳои истихроҷ, Коалитсияи ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шаффофият барои рушд” ва дигар тарафҳои манфиатдорро даъват ба ҷаласаҳои Шӯрои ТШСИ ва дигар чорабиниҳо марбут ба ТШСИ даъват менамояд;

- коргузории Котиботи ТШСИ-ро ба роҳ мемонад;

- супоришҳои роҳабри Котиботи ТШСИ-ро вобаста ба масъалаҳои ТШСИ ичро менамояд.

11. Мушовир - барномасоз (IT) дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳои зерин мебошад:

- коркард ва навсозии веб-портали ТШСИ-и Тоҷикистон - www.pbo.eitj.tj;

- таъмини фаъолияти мунтазами веб-портали ТШСИ-и Тоҷикистон - www.pbo.eitj.tj;

- супоришҳои роҳбари Котиботи ТШСИ-ро вобаста ба масъалаҳои ТШСИ ичро менамояд.

## 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

12. Нигоҳдоии фаъолияти Котиботи ТШСИ аз ҳисоби маблағҳое амалӣ мегарданд, ки ҳамасола дар буҷети давлатӣ барои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо гардидаанд.

13. Котиботи Шӯрои ТШСИ шахси ҳуқуқӣ намебошад ва бланку муҳри расмӣ надорад.

14. Котиботи Шӯрои ТШСИ бо дигар мақомот ва ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи тартиби муқаррааргардида ҳамкорӣ менамояд.